**“Маориф ва маданият”,**
**25 сентябри 1965, саҳ. 3**

# ШЕРЗАН

***Аз мероси гузаштагон***

***Вафодорию покдоманӣ, далерию доноӣ барин хислатҳои наҷиби занону духтарон бузургони ҳар давру замонро ба ваҷду ҳаяҷон овардаанд. Ба авсофи зан модар садҳо ғазалу тарона, достону қасида бахшида шудаанд.***

***Ҳоло ба диққати Шумо ҳикояте аз қиссаи халқии «Искандарнома», ки дар асри XII ба забони тоҷикӣ бунёд гардидааст, пешкаш мекунем. Ҳарчанд аз замони ба вуҷуд омадани ин асар бештар аз ҳафт аср гузаштааст, он имруз ҳам ба мардуми тоҷикзабон ба хуби фаҳмост. Дар тамоми қисса, аз ҷумла дар ҳикояти Шерзан калимаю ибора, мақолу ҳикматҳои халқӣ ба тарзи фаровон дучор мегарданд.***

***Ба забону услуби ҳикоят ислоҳе, тағйироте дохил карда нашуд, то хонандагон ба асли худи асар шинос шаванд.***

Бидон..., ки дар ин шаҳри Миср, бозургоне буд ва ӯро писаре буд - зебо ва боҷамолу латиф. Ва он бозургон сад ҳазор динори мағрибӣ моя дошт, баъд аз сарою хонумону мулку зиёъ ва фарши олат. Ва андар ҳама ҷаҳон ин писар дошт. Пас, чун ин бозургон... аз дунё берун рафт, ин фарзандаш дарафтод ба он молу неъмат бемуҳобо харҷ мекард. Ва падари ӯро бародаре буд ва духтаре боҷамол дошт. Ва ин духтарро номзади ин писар карда буд. Ва падари ин духтар ҳам намонда буд. Аммо духтар барҷой буд, бар умеди он ки ибни амаш[1] биёяду ӯро бибарад.

[1] Яъне: писари амакаш.

Пас, ин писари бозургон дар ин шаҳр бар нопорсое ошиқ гашт ва он молу неъмат бар ӯ харҷ мекард.

Ва ин писарро ҳанӯз модар монда буд ва хонаи модару падар ба ҷой бигзошта буд ва ба миёни он занони номувофиқи нопорсо рафта ба харобот ва он молу неъмат бо он зан бихурду амлокҳои хеш ҷумла бифурӯхт ва таҷаммулу фарш ва авонӣ ҳама бифурӯхт.

Чун чизе намонду дасттанг шуд ва бар қуввати якрӯза дастрас надошт, харобатиён бидонистанд, ки ӯро ҳеҷ намондааст. Ва шабе нимшаб чун маст шуд, уро бигирифтанду аз хона берун бурданд ва мазбалае[2] буд, ӯро бар он ҷойгаҳ хобониданд.

Бомдод чун аз хоб баромад, бидонист, ки он чи карда буд; ба ҷои хеш набуд, аммо шуда буд. Ва ҳеҷ чиз дар хона монда набуд.

Пас, ба хона бозомад ва модарро гуфт:

- Гурӯснаям, ҳеҷ дорӣ, ки ман бихӯрам?

Ҳеҷ намонда буд, илло ҳасире[3] кӯҳна.

Онро бифурӯхту бад-он хӯрданӣ харид ва бихӯрд. Пас, модараш гуфт:

- Ҳеҷ намондааст, илло ҳуҷра.

Аз бебаргӣ онро ҳам ба гарав карду асре ба дасте силоҳ бихарид ва бархосту модарро видоъ кард. Ва чун рӯз боз буд, ба дарвоза берун рафт ва рӯй дар роҳе ниҳод то аз ному нанг бигрезад.

Чун порае бирафт, савореро дид, ки меояд - бар аспе тозӣ нишаста ва дасте силоҳ тамом дар - пӯшида. Ӯро гуфт:

- Эй Мутаҳҳар - писари Аҳмад, куҷой равӣ? Ва ба ному насаб ӯро бихонд. Ӯро шарм омад.

Гуфт:

- Ба сари зиёъе азони хеш меравам!

Гуфт:

---

[2] Мазбала - хокрӯба, ахлоттӯда.
[3] Илло ҳасире - ба ғайр аз бӯрёе.

- Дурӯғ мегӯӣ! Ҳамаи молу неъмат харҷ кардӣ, то ҳочат ба ҳасире кӯҳна афтодат ва он низ ҳам бифурӯхтӣ! Ва ҳеҷ намондат, аз ному нанг бихоҳӣ гурехт?!

Мутаҳҳар чун он бишнид, чи тавонист гуфт? Дармонд. Гуфт:

- Эй ҷувон, ту кӣ бошӣ, ки мехоҳӣ ситар[4] аз ман бардорӣ?

Гуфт:

- Эй нодон, ту ситар аз хеш бардоштаӣ! Аммо маро ба ту як кор аст. Агар он як кор бикунӣ, ман молу мулк ва сарову зиёъи ту ҳама боз хараму ба ту боз диҳам.

Гуфт:

– Чӣ кунам?

Гуфт:

- Ин ҳазор динор биситон ва бирав. Духтари амми хешро, ки падарат аз баҳри ту пеш аз ин хоста буд ва ҳанӯз ба хона нишастаасту шавҳар накарда. Ин ҳазор динор ба баргу соз уро ба хона овар ва, албатта, даст бар вай манеҳ. Уро ба ман супор, то ман ҳама молу неъмати ту боз диҳам ва кас худ надонад, ки ту чӣ кардаӣ.

Он писар бо хештан гуфт; ин шигифт корест, аммо бикунам. Пас, он ҳазор динор бисутуд ва бо якдигар қавл бикарданд, ки чун духтари амро ба хона оварад, даст бар ӯ наниҳад ва уро бад-он ҷувон супорад бадин аҳд. Ва фалон руз ваъда барниҳоданду бирафтанд.

Он шахсе бирафт ва писари бозургон ба шаҳр омад. Ва кас пеши духтари амми худ фиристоду гуфт:

- Вақт аст, ки ба хона боз ой. Духтар ҷавоб доду гуфт:

- Марову уро падарон намондаанд; ва ҳамчунин ӯро чизе намондааст, мо зиндагонӣ чун кунем?

То ҳам ҷувон пайғом дод, ки:

---

[4] Сирри ниҳонӣ.

- Маро ҳануз он кадар, ки асбобе созам, мондааст. Инак, ҳазор динор. Понсад динор ту биситон ва баргу сози хеш кун ва он понсад динори дигар ҳам ба барги ту кунам. Ва фалон шаб бояд, ки ба хона боз ой.

Духтар гуфт:

- Чунин кунам.

Пас, он ҷувони бозургон биёмад ва сарой аз гарав бозсутуд ва баргеву асбобе муҳайё кард.

Ва он шаб, ки ваъдаи арӯс буд, уро ба хона овард. Ва чун арӯсро бидид, ҷамоле дошт сахт неку, дилаш намедод, ки уро аз даст бидиҳад. Ва чун намедод, дар балову дарвешӣ мемонд. Ва бо он шахс қавлу аҳд карда буд. Бо худ гуфт: ман аҳду қавли он ҷувонмард нашиканам ва ин занро бад-ӯ диҳам ва дираму молу неъмат ва зиёъи хеш бозситонам ва зане дигар бихоҳам.

Он шаб бихуфт ва даст фаро духтар накард.

Дигар рӯз ваъдаи он мард буд. Бомдод бархост, ки ба ваъдагоҳ ояд. Зан уро гуфт:

- Куҷо меравӣ?

Гуфт:

- Беруни шаҳр меравам ба коре.

Зан гуфт:

- Танҳо наметавонам будан зудтар боз ой!

Писар бирафт, то ба ҷои ваъда. Чун соате баромад, он шахс меомад бар расми араб, руи хеш барбаста ва силоҳ тамом пушида. Ва ӯро сабоҳ карду гуфт:

- Чӣ кардӣ?

Гуфт:

- Кор тамом кардам.

Гуфт:

- Куҷост?

Гуфт:

- Биёвар, акнун уро ба ман супор, то он чӣ қавл кардаам, ҷумла ба ту диҳам.

Он саворро дар пеш гирифт ва рафтанд то ба дари хона.

Дар бикшоду дар хона рафт. Ва он саворро дар хонаи хеш бурд. Пас гуфт:

- Занро ба ҳилате берун тавонам овард. Ҳилату тадбир месохт.

Пас, дар сарои занон омад ва уро талаб кард, наёфт. Ва падидор набуд. Ҷувон беқарор гашт. Ва аз ҳар ҷониб ҳамедавид. Албатта, занро наёфт. Модарро гуфт:

- Занам куҷо шуд?

Модар гуфт:

- Чун ту бирафтӣ, ин ҷойгоҳ буд. Ман ғофил гаштам, надонам, ки куҷо шуд. Аммо бингар, бошад, ки ҷое хуфта бошад.

Модару писар ҳар ду медавиданд ва аз ҳар ҷойгоҳ ӯро талаб мекарданд.

Ӯро наёфтанд.

Ба он савор менигарист, сар дар пеш афкандаву сабр мекард.

Бар охир он писари бозургон биёмаду пеши савор дар замин афтод. Гуфт:

- Худои таолӣ медонаду гувоҳ аст, ки ман ҳеҷ ҳилату хиёнат накардаам ва он чи бо ту пазируфтам, баҷой овардам. Ва чун ман ба ваъдагоҳ омадам, ӯ аз ман пурсид, ки “куҷо меравӣ? Зуд боз ой, ки ман танҳо наметавонам будан”. Акнун худ падидор нест. Ту силоҳ берун кун ва рӯй баркушову биёсо, то ман ӯро ба даст оварам.

Он савор гуфт:

- Рост мегӯӣ, ҳеҷ ҳилат дар ин кор накардаӣ ва бар рӯи ту асари ростӣ мебинам.

Ва бархосту силоҳ боз кард ва руй бикшод.

Чун ӯ нигоҳ кард - ин савор худ зани ӯ буд, духтари амми ӯ!

Ва ин ҳама аз баҳри ному нанг карда буд. Ва ҳар зиёъе ва қумошу олоте, ки фурӯхта буд, ин духтар харида буд ва нагзошта буд, ки ҳеҷ ба зиёну талаф шавад. Ва ин писарро гуфт:

- Ин аз баҳри он кардам, ки чун ту аз он нобакор сер шавӣ, туро чизе бибошад.[5] Акнун сарою хонумону мулку зиёъ аз они туст ва ман дар ҳукму фармони туам!

Он писар аз шодмонӣ бияфтоду аз ҳуш бирафт. Ва чун ба ҳуш бозомад, сари зан дар канор гирифту гуфт:

- Эй шерзан, ки хоки чун ту духтаре беҳтар аз хуни чун ман сад писар.

**Ба чоптайёркунанда**
**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ**

1

[5] Туро чизе бибошад - туро панди зиндагӣ шавад.

Ива и 25 сент. 1965 с 3

# ШЕРЗАН

ҲИКОЯТ

*Вафодорию покдоманӣ, далерию доноӣ барин хислатҳои наҷиби занону духтарон бузургони ҳар давру замонро ба ваҷду ҳаяҷон овардаанд. Ба авсофи зан — модар садҳо ғазалу тарона, достону қасида бахшида шудаанд.*

*Ҳоло ба диққати Шумо ҳикояте аз қиссаи халқии «Искандарнома», ки дар асри XII ба забони тоҷикӣ бунёд гардидааст, пешкаш мекунем. Ҳарчанд аз замони ба вуҷуд омадани ин асар бештар аз ҳафт аср гузаштааст, он имрӯз ҳам ба мардуми тоҷикзабон ба хубӣ фаҳмост. Дар тамоми қисса, аз ҷумла дар ҳикояти «Шерзан» калимаю ибора, мақолу ҳикматҳои халқӣ ба тарзи фаровон дучор мегарданд.*

*Ба забону услуби ҳикоят ислоҳе, тағйироте дохил карда нашуд, то хонандагон ба асли худи асар шинос шаванд.*

БИДОН..., ки дар ин шаҳри Миср, бозургоне буд ва ӯро писаре буд — зебо ва боҷамолу латиф. Ва он бозургон сад ҳазор динори мағрибӣ моя дошт, баъд аз сарою хонумону мулку зиёъ ва фарши олат. Ва андар ҳама ҷаҳон ин писар дошт. Пас, чун ин бозургон... аз дунё берун рафт, ин фарзандаш дарафтод ва он молу неъмат бемуҳобо харҷ мекард. Ва падари ӯро бародаре буд ва духтаре боҷамол дошт. Ва ин духтарро номзади ин писар карда буд. Ва падари ин духтар ҳам намонда буд. Аммо духтар барҷой буд, бар умеди он ки ибни амаш[1] биёяду ӯро бибарад.

Пас, ин писари бозургон дар ин шаҳр бар нопорсое ошиқ гашт ва он молу неъмат бар ӯ харҷ мекард.

Ва ин писарро ҳанӯз модар монда буд ва хонаи модару падар ба ҷой бигзошта буд ва ба миёни он занони номувофиқи нопорсо рафта ба харобот ва он молу неъмат бо он зан бихӯрду амлокҳои хеш ҷумла бифурухт ва таҷаммулу фарш ва авонӣ ҳама бифурӯхт.

Чун чизе намонду дасттанг шуд ва бар қуввати якрӯза дастрас надошт, харобатиён бидонистанд, ки ӯро ҳеҷ намондааст. Ва шабе нимшаб чун маст шуд, ӯро бигирифтанду аз хона берун бурданд ва мазбалае[1] буд, ӯро бар он ҷойгаҳ хобониданд.

Бомдод чун аз хоб баромад, бидонист, ки он чи карда буд; ба ҷон хеш набуд, аммо шуда буд. Ва ҳеҷ чиз дар хона монда набуд.

Пас, ба хона бозомад ва модарро гуфт:

— Гуруснаам, ҳеҷ дорӣ, ки ман бихӯрам?

Ҳеҷ намонда буд, илло ҳасире[2] кӯҳна.

Онро бифурӯхту бад-он хӯрданӣ харид ва бихӯрд. Пас, модараш гуфт:

— Ҳеҷ намондааст, илло ҳуҷра.

Аз бебаргӣ онро ҳам ба гарав карду асре ба дасте силоҳ бикарид ва бархосту модарро видоъ кард. Ва чун рӯз боз буд, ба дарвоза берун рафт ва рӯй дар роҳе ниҳод то аз ному нанг бигрезад.

Чун пораe бирафт, саворero дид, ки меояд — бар аспе тозӣ нишаста ва дасте силоҳ тамом дар — пӯшида. Ӯро гуфт:

— Эй Мутаҳҳар — писари Аҳмад, куҷой равӣ? Ва ба ному насаб ӯро бихонд. Ӯро шарм омад. Гуфт:

— Ба сари зиёъе азони хеш меравам!

Гуфт:

— Дурӯғ мегӯӣ! Ҳамаи молу неъмат харҷ кардӣ, то ҳоҷат ба ҳасире кӯҳна афтодат ва он низ ҳам бифурӯхтӣ! Ва ҳеҷ намондат, аз ному нанг бихоҳӣ гурехт?!

Мутаҳҳар чун он бишнид, чӣ тавонист гуфт? Дармонд. Гуфт:

— Эй ҷувон, ту кӣ бошӣ, ки мехоҳӣ ситар[1] аз ман бардорӣ?

Гуфт:

— Эй нодон, ту ситар аз хеш бардоштай! Аммо маро ба ту як кор аст. Агар он як кор бикунӣ, ман молу мулк ва сарову зиёъи ту ҳама боз хараму ба ту боз диҳам.

Гуфт:

— Чӣ кунам?

Гуфт:

— Ин ҳазор динор биситон ва бирав. Духтари амми хешро, ки падарат аз баҳри ту пеш аз ин хоста буд ва ҳанӯз ба хона нишастаасту шавҳар накарда. Ин ҳазор динор ба баргу соз ӯро ба хона овар ва, албатта, даст бар вай манеҳ. Ӯро ба ман супор, то ман ҳама молу неъмати ту боз диҳам ва кас худ надонад, ки ту чӣ кардай.

Он писар бо хештан гуфт; ин шигифт корест, аммо бикунам.

Пас, он ҳазор динор бисутуд ва бо якдигар қавл бикарданд, ки чун духтари амро ба хона оварад, даст бар ӯ нанеҳад ва ӯро бад-он ҷувон супорад бадин аҳд. Ва фалон рӯз ваъда барниҳоданду бирафтанд.

Он шахсе бирафт ва писари бозургон ба шаҳр омад. Ва кас пеши духтари амми худ фиристоду гуфт

— Вақт аст, ки ба хона боз ой

Духтар ҷавоб доду гуфт:

— Марову ӯро падарон намондаанд; ва ҳамчунин ӯро чизе намондааст, мо зиндагонӣ чун кунем?

То ҳам ҷувон пайғом дод, ки:

— Маро ҳанӯз он қадар, ки асбобе созам, мондааст. Инак, ҳазор динор. Понсад динор ту бисиотон ва баргу сози хеш кун ва он понсад динори дигар ҳам ба барги ту кунам. Ва фалон шаб бояд, ки ба хона боз ой.

Духтар гуфт;

— Чунин кунам.

Пас, он ҷувони бозургон биёмад ва сарой аз гарав бозсутуд ва баргеву асбобе муҳайё кард.

Ва он шаб, ки ваъдаи арӯс буд, ӯро ба хона овард. Ва чун арӯсро бидид, ҷамоле дошт сахт некӯ, дилаш намедод, ки ӯро аз даст бидиҳад. Ва чун намедод, дар балову дарвешӣ мемонд. Ва бо он шахс қавлу аҳд карда буд. Во худ гуфт: ман аҳду қавли он ҷувонмард на-

---

[1]. *Яъне: писари амакаш.*

[1]. *Мазбала — хокрӯба; ахлоттӯда.*

[2]. *Илло ҳасире — ба ғайр аз бӯрьёе.*

[1]. *Сирри ниҳонӣ.*

# АЗ МЕРОСИ ГУЗАШТАГОН

шиканам ва ин занро бад-ӯ диҳам ва дираму молу неъмат ва зиёъи хеш бозситонам ва зане дигар бихоҳам.

Он шаб бихуфт ва даст фаро духтар накард.

Дигар рӯз ваъдаи он мард буд Бомдод бархост, ки ба ваъдагоҳ ояд. Зан ӯро гуфт:

— Куҷо меравӣ?

Гуфт:

— Беруни шаҳр меравам ба коре.

Зан гуфт:

— Танҳо наметавонам будан зудтар боз ой!

Писар бирафт, то ба ҷои ваъда. Чун соате баромад, он шахс меомад — бар расми араб, рӯи хеш барбаста ва силоҳ тамом пӯшида. Ва ӯро сабоҳ карду гуфт:

— Чӣ кардӣ?

Гуфт:

— Кор тамом кардам.

Гуфт:

Куҷост?

Гуфт:

— Биёвар, акнун ӯро ба ман супор, то он чи қавл кардаам, ҷумла ба ту диҳам.

Он саворро дар пеш гирифт ва рафтанд то ба дари хона.

Дар бикшоду дар хона рафт. Ва он саворро дар хонаи хеш бурд. Пас гуфт:

— Занро ба ҳилате берун тавонам овард. Ҳилату тадбир месохт.

Пас, дар сарои занон омад ва ӯро талаб кард, наёфт. Ва падидор набуд. Ҷувон беқарор гашт. Ва аз ҳар ҷониб ҳамедавид. Албатта, занро наёфт. Модарро гуфт:

— Занам куҷо шуд?

Модар гуфт:

— Чун ту бирафтӣ, ин ҷойгоҳ буд. Ман ғофил гаштам, надонам, ки куҷо шуд. Аммо бингар, бошад, ки ҷое хуфта бошад.

Модару писар ҳар ду медавиданд ва аз ҳар ҷойгоҳ ӯро талаб мекарданд.

Ӯро наёфтанд.

Ва он савор менигарист, сар дар пеш афкандаву сабр мекард.

Вар охир он писари бозургон биёмаду пеши савор дар замин афтод. Гуфт:

— Худои таолӣ медонаду гувоҳ аст, ки ман ҳеҷ ҳилату хиёнат накардаам ва он чи бо ту пазируфтам, баҷой овардам. Ва чун ман ба ваъдагоҳ омадам, ӯ аз ман пурсид, ки «куҷо меравӣ? Зуд боз ой, ки ман танҳо наметавонам будан». Акнун худ падидор нест. Ту силоҳ берун кун ва рӯй баркушову биёсо, то ман ӯро ба даст оварам.

Он савор гуфт:

— Рост мегӯӣ, ҳеҷ ҳилат дар ин нор накардаӣ ва бар рӯи ту асари ростӣ мебинам.

Ва бархосту силоҳ боз кард ва рӯй бикшод.

Чун ӯ нигоҳ кард — ин савор худ зани ӯ буд, духтари аммии ӯ!

Ва ин ҳама аз баҳри ному нанг карда буд. Ва ҳар зиёъе ва қумошу олоте, ки фурӯхта буд, ин духтар харида буд ва нагзошта буд, ки ҳеҷ ба зиёну талаф шавад. Ва ин писарро гуфт:

— Ин аз баҳри он кардам, ки чун ту аз он нобакор сер шавӣ, туро чизе бибошад.[1] Акнун сарою хонумону мулку зиёъ аз они туст ва ман дар ҳукму фармони туам!

Он писар аз шодмонӣ бияфтоду аз ҳуш бирафт. Ва чун ба ҳуш бозомад, сари зан дар канор гирифту гуфт:

— Эй шерзан, ки хоки чун ту духтаре беҳтар аз хуни чун ман сад писар!

**Ба чоптайёркунанда**

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ.**

---

[1] *Туро чизе бибошад — туро панди зиндагӣ шавад.*